# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯВИ ВА НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТИ

Қонуни мазкур асосҳои ташкили ва ҳуқуқии низоми идоракунии молиявӣ ва назорати дохилиро дар бахши давлатӣ ва ташкилотҳое, ки аз Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд (минбаъд - ташкилотҳои бахши давлати), муқаррар менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **идоракунии молиявӣ** - маҷмӯи ӯҳдадориҳои идоракунӣ дойр ба иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи тақсимкунандаи асосӣ, тақсимкунанда ва маблағгирандаи давлатие, ки бо мақсади таъмини риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба истифодаи самараноку натиҷабахши маблағҳои мавҷуда вогузошта шудаанд;

- идоракунии устувори молиявӣ - маҷмӯи қарорҳо, тадбирҳо ва чорабиниҳое, ки ба истифодаи маблағҳои мавҷуда тибқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба таври сарфакоронаю самаранок ва натиҷабахш идора намудани онҳо равона шудаанд;

- **назорати дохилӣ** - тамоми низоми назорати молиявӣ ва воситаҳои дигари назорат дар ташкилоти бахши давлатӣ бо назардошти сохтори ташкилӣ, усулҳо, тартиб ва аудити дохилӣ, ки аз тарафи роҳбарият бо мақсади мусоидат ба фаъолияти қонунию самаранок ва натиҷабахш, инчунин барои ноил гардидан ба мақсадҳои ташкилот, созмон дода шудаанд;

- **низоми назорати дохилӣ** - низоми чораҳо ва расмиёти иҷрои онҳо, ки аз тарафи роҳбарияти ташкилоти бахши давлати барои ноил гардидан ба идоракунии натиҷабахш, сарфакорона ва самараноки маблағҳои давлатӣ анҷом дода мешаванд, бо назардошти баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳисоботи молиявӣ, риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини нигоҳдории дороиҳо, пешгирӣ ка ошкор намудани амалҳои ғайриқонунӣ, саҳеҳию дурустӣ ва мувофиқати ҳисоботи молиявию идоракунӣ, иттилоот, инчунин таҳия намудани онҳо;

- **ҳисоботи солона оид ба назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ** — ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иттилоот дар бораи ҳолати идоракунии молиявӣ ва назорат дар ташкилотҳои бахши давлатиро дар бар мегирад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадхои меъёрии. ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Ташкил намудани низоми назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ**

1. Ташкил намудани низоми назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ ӯҳдадории роҳбари ташкилот буда, барои анҷом додани идоракунии молиявӣ дар ҳамаи сохторҳо, барномаҳо, намуди фаъолият ва амалиёт, рохбарии онҳо мувофиқи принсипҳои қонуният, идоракунии устувори молиявӣ ва шаффофият равона карда мешавад.

2. Низоми назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ барои ноил гардидан ба мақсаддои зерин ташкил карда мешавад:

- дурустӣ ва мукаммалии иттилооти молиявӣ ва идоракунӣ;

- фаъолияти натиҷабахшу сарфакорона ва самараноки мақомоти давлатӣ ва ташкилотхои бахши давлатӣ;

- нигоҳдории дороиҳо;

- риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## БОБИ 2. МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИИДОРАКУНИИ МОЛИЯВӢ ВА НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТИ

**Моддаи 4. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Бо мақсади мутобиқсозӣ ва ҳамоҳангсозии идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар ташкилотхои бахши давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ корҳои зеринро анҷом медщад:

- сиё'сати назорати дохилии молиявиро тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва амалӣ менамояд;

- ҳар сол оид ба фаъолияти ҳамаи воҳқ ,ои сохтори аудити дохилии мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои бахши давлатӣ хулосаи таҳлилӣ медиҳад;

- барои гузаронидани мушоҳидаи идоракунии молиявӣ ва назорат фармонҳо интишор менамояд, ки иҷрои он дар ҳамаи мақомоти давлатӣ ва ташкилотхои бахши давлатӣ ҳатмӣ мебошад;

- ҳисоботи солонаро оид ба ҳолати назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ ҳар сол то 1 май ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;

- барои такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисони мақомоти молия доир ба масъалаҳои идоракунии молияви ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ мусоидат менамояд, инчунин ҳамоҳангсозии корҳоро дар ин соҳа анҷом медиҳад;

- ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, амалӣ менамояд.

## БОБИ 3. ҲИСОБОТ ВА МАСЪУЛИЯТИ ВДОРАКУНӢ

**Моддаи 5. Ҳисоботи идоракунӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ**

1. Ҳисоботи идоракунӣ - ин вазифаи роҳбари ташкилоти бахши давлатӣ доир ба пешниҳод намудани иттилоот оид ба риояи талаботи идораи устувори молияви мебошад, ки ба мақомоти болой ва ваколатдори давлатӣ пешниҳод менамояд, ки дар асоси маълумоти аник ва натиҷаҳои таҳлили низоми назорати дохилӣ тартиб дода шудааст.

2. Риояи талабот оид ба ташкил намудани хисоботи идоракунӣ барои шаффофият, муқоисаи маълумот дар бораи ҳолати молиявии ташкилотҳои бахши давлатӣ, инчунин даромаду харочоти онҳо, ки барои истифодабарандагони ин ҳисобот зарур аст, хизмат менамояд.

**Моддаи 6. Пешниҳод намудани хисобот**

1. Роҳбарони аввали ташкилотҳои бахши давлатӣ на дертар аз 1 апрели соли равон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хисоботи худро бо фарогирии иттилоот оид ба фаъолият, мувофиқат, самараноки ва натиҷабахшии низоми идоракунии молияви ва назорати дохилӣ дар соли сипаришуда пешнихоц менамоянд.

2. Шакл ва тартиби пешниҳоди чунин ҳисобот дар дастурхои методии мақомоти ваколатдори давлатӣ муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 7. Вазифаҳои роҳбари аввали ташкилотҳои бахши давлатӣ ва ташкилотҳои дигаре, ки ба низоми сохавии идоракунӣ шомиланд**

Вазифаҳои роҳбарони аввали ташкилотҳои бахши давлатӣ ва ташкилотхои дигаре, ки ба низоми сохавии идоракунӣ шомиланд, аз инҳо иборатанд:

- муайян намудани мақсаду вазифаҳои ташкилотҳое, ки ба онҳо рохбарӣ менамоянд, таҳия ва иҷрои накшаҳои дарозмуддат (нақшаҳои

стратеги, лақшаҳои фаъолият ва барномаҳое, ки ба амали намудани мақсадҳо ва иҷрои вазифаҳо равона гардидаанд;

- мушаххаскунию баҳодиҳӣ ва идора намудани таваккале, ки ба амалӣ гардондани мақсаду вазифаҳои ташкилот таҳдид менамояд;

-банақшагирӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии маблағҳои давлатӣ бо мақсади расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ташкилот;

- риояи принсипҳои қонуният, устувории идоракунӣ ва шаффофияти истифодаи маблағҳои давлатӣ, инчунин идора ва харҷ намудани онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- роҳбарии самараноки кормандон ва ба сатҳи зарурӣ бардоштани маҳорати касбии онҳо;

- таъмини нигоҳдории дороиҳо ва иттилоот, инчунин ҳифзи боэътимоди онҳо аз гумшавӣ ва дастрасии ғайриконунӣ ба иттилоот ва дороихо;

-ташкил намудани сохтори маъмурии *муносиб барои самаранок анҷом додани вазифаҳо;

- тақсими соҳаҳои масъулият дар раванди қабули қарорҳо, назорат ва анҷом додани фаъолият;

- таъмини хисоботи пурраго саҳеҳ, дақиқу саривақтӣ аз анҷом додани ҳама гуна амалиёт;

- мушоҳида ва таҷдиди системаи идоракунии молияви ва назорати қабули чораҳое, ки барои такмил додани он равона шудаанд, аз руи тавсияхои аудити дохилӣ ва дигар санҷишҳо;

- ҳуччатикунонии ҳама амалиёт ва корҳо, инчунин таъмини имконияти назорати раванди онҳо дар ташкилот;

- ҷорӣ намудани расмиёти зиддикоррупсионӣ;

- ҳисоботдиҳӣ ва дар ҳуччатҳо инъикос намудани ҳолати низоми идоракунии молияви ва назорат.

## БОБИ 4. УНСУРҲОИ ИДОРАКУНИИ МО^ХИЯВӢ ВА НАЗОРАТИ ДОХИЛИ ДАР БАХШИ ДАВЛАТӢ

**Моддаи 8. Муайянкунии унсурхои идоракунии молияви ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ**

1. Низоми идоракунии молияви ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ бо истифодаи унсурҳои зерин муайян карда мешавад:

- муҳити назорати;
- идоракунии таваккал;
- амалӣ намудани чорабиниҳои гуногун№назорати дохилӣ;
- иттилоот ва коммуникатсия;
- мониторинг.

2. Роҳбарони ташкилотхои бахши давлатӣ вобаста ба хусусиятҳои ҷойдошта, ташкил, амалиёт ва инкишофи унсурҳои идоракунии молияви ва назоратро таъмин менамоянд.)

**Моддаи 9. Муҳити назорати**

1. Муҳити назорати - чорабиниҳои гуногуни назорат дар дохили низоми соҳавии ташкилотҳои бахши давлатӣ мебошад, ки тақсими вазифаҳо, зинабандии мақомот ва қоидаҳои дақиқи иҷрои корҳо, инчунин низоми мураттаб сохтану тартиби пешниҳод намудани ҳисоботи хизматиро таъмин менамояд.

2. Муҳити назорати аз масъалаҳои зерин иборат аст:

- одоби корбарии роҳбарият ва кормандони ташкилот;
- усули идоракунии фаъолият;
- сохтори ташкилие, ки тақсими ӯҳдадориҳо, соҳаи масъулият ва принсипҳои тартиб додани' ҳисобот оид ба иҷрои корҳоро таъмин менамояд;
- сиёсату таҷриба дар соҳаи идора намудани кормандон;
- салоҳиятнокии кормандон.

**Моддаи 10. Идоракунии имконпазирии таваккал**

1. Идоракунии таваккал аз мушаххаскунию баҳодиҳӣ ва назорати рафти ҳодисаҳо ва ҳоятҳои имконпазире иборат мебошад, ки ба амалӣ гардидани мақсадҳои ташкилот таъсири манфӣ мерасонанд.

2. Рохбарони ташкилотҳои бахши давлатӣ бояд барномаи идоракунии таваккалро тасдик намоянд, ки он дар муддати 3 сол як бор тачдиди назар карда мешавад.

3. Маҷмуи чораҳои назоратие, ки ба пешгирии таваккал равона гардидаанд, ҳар сол бояд мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Моддаи 11. Амалӣ намудани чорахои назорати

1. Роҳбарони ташкилотҳои бахши давлатӣ маҷмӯи чораҳои назоратиеро муқаррар ва амалӣ менамоянд, ки аз тасдиқи қоидаҳои фаъолияти соҳавӣ ва молияви, тафтиш ва пешниҳоди ҳисобот,

тартиб додани ҳуҷҷатҳо оид ба анҷоми амалиёти молиявӣ ва амалҳои дигари ба фаъолияти хоҷагиву молиявӣ алоқаманд мебошанд.

2. Чорабиниҳои назорати дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- назорати пешакии амалиёти молияви аз тарафи сармуҳосиб;

- назорати ҷории амалиёти ҳисоббаробаркунӣ дар дохили ташкилот ва аз тарафи мақомоти хазинадорӣ;

- назорати минбаъда аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ.

3. Амалигардонии чораҳои назорати бояд ба хусусияти таваккали амалиёти молияви мувофиқ бошад.

**Моддаи 12. Ваколагхои назоратии роҳбари аввали ташкилоти бахши давлатӣ**

1. Ваколатҳои назоратии роҳбари аввали ташкилоти бахши давлатӣ аз инҳо иборатанд:

- расмиёти додани иҷозат ва тасдиқ;

- тақсими уҳдадориҳо бояд тавре гузарад, ки як хизматчи ҳамзамон барои тасдиқ, иҷро, пешниҳоди ҳисобот ва назорат барои иҷрои кор ҷавобгар набошад;

- расмиёти имзои дунафара, ки имкон намедиҳад амалиёти молияви ва ё пардохт бе имзои роҳбари ташкилоти бахши давлатӣ ва корманди масъули сабти муҳосибот анчом ёбанд;

- ҳуқуқ ба дастрасии дороиҳо ва иттилоот;

- назорати пешакии асоснокии муомилоти банақшагирифташуда, ки метавонад корманди махсус ваколатдоршуда ё шахси дигари аз ҷониби роҳбари ташкилот таъиншуда онро амалӣ намояд;

- муқаррар намудани тартиб барои мураттаб сохтани ҳисоботи саривақтии пурраю дуруст ва дақик оид ба анҷоми ҳамаи амалиёт;

- тафтиш ва пешниҳоди ҳисобот дар бораи амалҳои анчомёфта; - баҳодихии самаранокӣ ва натиҷабахшии амалиёт;

- расмиёти мониторинг;

- қоидаҳои идораи захираи кадрҳо;

- қоидаҳои тартиб додани ҳуҷҷатҳо оид ба анҷоми ҳамаи амалиёт ва намудҳои фаъолияте, ки ба фаъолияти ташкилот алоқаманд мебошанд.

2. Шартҳо ва тартиби назорати пешакӣ аз тарафи роҳбари ташкилоти бахши давлатӣ тибқи дастурҳои методии мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ карда мешаванд.

**Моддаи 13. Иттилоот ва коммуникатсия**

Роҳбарони аввали ташкилотҳои бахши давлатӣ фаъолияти зарурии бахши иттилоотии низоми идоракунии молиявиро бо роҳҳои зерин таъмин менамоянд:

- мушаххас, чамъ ва паҳн намудани маълумоти саҳех тибқи шакл ва мӯҳлатҳои дахлдор, ки ба ҳар шахси мансабдор имкон медиҳад масъулияти муайянеро ба зиммаи худ гирад;

- самаранокии уфуқӣ ва амудии иерархи дар ташкилот, ки ба шахсони мансабдор барои ба таври дахлдор иҷро намудани ӯҳдадориҳояшон имконият медиҳад;

- рушди низоми муносиби иттилоотии идоракунии ташкилот, ки барои ирсоли фармоишу нишондодҳои дақиқу возеҳ ба кормандон ва зерсохторҳо, ки ба фаъолияту масъулияти онхо дар доираи назорату идора намудани молия алоқаманд мебошанд;

- чорӣ намудани низоми ҳуҷҷатгузорӣ ва гардиши ҳуччатхо, ки қоидаҳои таҳия намудан, ба расмият даровардан, ирсол, истифода намудан ва ба бойгонӣ супоридани онҳо;

- ҳуччатикунонии ҳамаи амалиёт, раванд ва транзаксияҳо бо максади таъмини нақшаи муайян барои кори аудиторӣ, ки имконияти таҳқиқ ва пешбурди мушоҳидаро фароҳам меорад;

- ташкил додани низоми самараноки таҳияи саривақтии ҳисобот, оид ба дараҷа ва мӯҳлати таҳияи ҳисобот, намудҳои ҳисобот ва маърӯзаҳое, ки ба баррасии роҳбарият пешниҳод карда мешаванд, шаклимаърӯзаҳо дар ҳолати ошкор намудани хатоҳо, .изоми нодурусти фаъолият, суиистеъмол, қаллобӣ ва ғайриқонунӣ аз худ кардани маблағхо.

**Моддаи 14. Мониторинг**

1. Дар ҳамаи ташкилотҳои бахши давлатӣ ба таври ҳатмӣ низоми муосири мониторинга идоракунии молиявӣ ва назорат ҷорӣ карда мешавад, ки арзёбии муносибии фаъолияти он ва дар ҳолати тағйир ёфтани шароит азнавсозии низоми идораро таъмин менамояд.

2. Мониторинг бояд дар асоси назорати фаврии шахсии роҳбари ташкилоти бахши давлатӣ, худбаҳодиҳии роҳбар ва натиҷаҳои аудити дохилӣ амалӣ карда шавад.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 15. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки муқаррароти Қонуни мазкурро риоя намекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 16. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикисто** **Эмомали Раҳмон**

ш.Душанбе, 21 июли соли 2010
№ 626